Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 013 - и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1).

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи «Механизми ташкилӣ – иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм

Диссертатсия ба фаслҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, аз ҷумла бандҳои 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти маконӣ ва минтақавӣ, усулҳо ва фишангҳои тадқиқоти иқтисодии маконӣ, эконометрикаи қаламравӣ, ташхиси низомии мушкилот ва ҳолатҳои минтақавӣ; 2. Тақсимоти қаламрави захираҳои иқтисодӣ, ҷиҳати назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода; 9. Баҳодиҳии нақши минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил), махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо, сохтори иқтисодӣ аз ҷиҳати макон, қонуниятҳои дигаргуншавии он, сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 24. Рушди комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, вижагиҳои минтақавӣ ва ҳудудии рушди кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Тамаддуни ҷомеаи ҷаҳонӣ новобаста аз сатҳи кайҳонии рушди прогресси илмӣ-техникӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои назаррас дар растанипарварӣ ва чорводорӣ дар масъалаи таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ мушкилот дорад. Шиддатёбии масъалаи мазкур дар асри XXI асосан бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ бо муқоиса ба суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, тағйирёбии иқлим, коҳишёбии заминҳои кишт, захираҳои оби ошомиданӣ, сарчашмаи энергия, зарурат барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он низ таъмини рушди иқтисодӣ, ҳалли муаммоҳои микро ва макроиқтисодӣ, нахуст коркарди назарияҳо ва маҷмуи чораҳои амалиро тақозо менамояд, ки барои

дастрасии рушди устувори бахши воқеии иқтисодӣ, инчунин комплекси озуқаворӣ мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои стратегияи давлатӣ, инчунин таъмини амнияти озуқаворӣ, гузариш аз иқтисодиёти аграрӣ ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ дар ҳар як минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ ташаккули заминаҳои илмӣ-амалӣ масъалаи мубрам дар илми иқтисодии ватанӣ мебошад.

Дар баробари ин, вазъияти соҳаҳои комплекси озуқаворӣ, самаранокӣ ва устувории онҳо, амнияти озуқавориро дар иқтисодиёти мамлакат муайян менамоянд. Бинобар ҳамин, ба ақидаи муаллиф, диққати махсус додан ба рушди устувори комплекси агроозуқаворӣ шарти асосӣ барои кишварҳо маҳсуб меёбад, ки дар ин самт иқтидори истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ низ маҳдудиятҳо дорад.

Бояд ба андешаи муаллиф ҳамфикр шуд, ки дар оғози ислоҳотҳои бозорӣ бо рушди муносибатҳои нави бозорӣ, раванд ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ чун дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, дар соҳаи кишоварзӣ ва комплекси озуқаворӣ низ муаммоҳои зиёд пайдо гардид. Алалхусус, қафомонӣ дар техника ва технология, коҳишёбии сармоягузорӣ, баланд шудани хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот ва дар ниҳоят пастшавии рақобатпазирии соҳаи комплекси озуқаворӣ, на танҳо дар бозори дохилӣ, инчунин дар бозори беруна низ ба миён омад. Мавҷуд набудани консепсияи аниқи инкишофи комплекси озуқаворӣ барои пастшавии минбаъдаи истеҳсоли молу маҳсулот, вайроншавии ҳамгироии алоқаҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи маҳалҳо, бадшавии кооператсияи байнисоҳавӣ, ҳавасманд нагардидани сармоягузорони имконпазир хатари ҷиддӣ дошт.

Илова бар ин, муаллиф қайд менамояд, ки аз оғози ҳазорсолаи нав дар иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла дар минтақаҳои он давраи ободкорӣ, созандагӣ бо суръати баланд инкишоф ёфта истодааст ва то ҳол идома дорад. Аз соли 2006 таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун ҳадафи стратегии давлат эълон карда шуда, то ҳоло амалӣ шуда истодааст. Дар мамлакат вобаста ба ин, ҳуҷҷати мақсаднок «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои то соли 2030» қабул карда шуд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар натиҷаи амалҳои қабулгардида дар низоми комплекси озуқаворӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шуд. Оид ба масъалаи мазкур дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 28 декабри соли 2023 арзёбии асоснок ироа карда шуд, ки дар баробари он вазифаҳо ва дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд. Алалхусус, дар Паём чунин омадааст:

«Соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқавории истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85 фоиз расонида шуд, ки ин нишодиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад. Имрӯз мо бо гандуми истеҳсоли худӣ 60 фоиз таъмин ҳастем.

Бо мақсади идома додани ин раванд, Ҳукумати мамлакат ба масъалаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди саноати хӯрокворӣ ва содироти маҳсулоти он диққати аввалиндарача диҳад.

Новобаста аз пешравиҳои бадастомада дар вилояти Суғд ва умуман дар сатҳи ҷумҳурӣ, вобастагӣ аз воридоти маҳсулот, махсусан дар мавриди баъзе категорияҳои маҳсулоти озуқавории ниёзи ҳаррӯза ҳанӯз боқӣ мондааст. Мушоҳида мегардад, ки сатҳи таъминоти аҳолӣ бо як қатор маҳсулоти озуқаворӣ коҳиш меёбад, ки ин ҳолат бевосита ба амнияти озуқавории кишвар таъсири манфӣ мерасонад ва бо мурури замон осебпазирии онро афзоиш медиҳад. Ин мушкилот бештар ба таъмини аҳолӣ бо молҳои муҳимми озуқаворӣ, аз қабили орд, гандум, равғанҳои наботӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, биринҷ, шакар, инчунин сабзавоту меваҷот дахл дорад.

Дар ҳолати мавҷудияти мушкилоти рушди кишоварзӣ, тағйиротҳои глобалӣ дар бозори озуқаворӣ, афзоишёбии эҳтиёҷот ба таъминоти шумораи кифояи маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ барои аҳолии афзоишёбандаи мамлакат, аз нуқтаи назари амнияти озуқаворӣ ва шуғли аҳолӣ зарурати гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаро дар навбати аввал, дар ҳар як минтақаи алоҳидаи кишвар ба миён гузоштааст.

Ҳамин тавр, таъмини шароит барои рушди устувори комплекси озуқаворӣ, ганигардонии бозори минтақа бо маҳсулоти озуқавории рақобатпазири коркарди пурра ва таъминоти амнияти озуқаворӣ дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ масъалаи муҳим арзёбӣ карда мешавад. Вазъиятҳои номбурда оид ба муҳиммият ва саривақтии интихоби мавзуи таҳқиқот шаҳодат дода, бо асосноккунии дурнамои рушди соҳаҳои комплекси озуқаворӣ ва коркарди самтҳои сиёсати агроозуқаворӣ дар ҷодаи таъминоти озуқавории вилоят алоқамандии зич доранд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгонии илмии диссертатсия дар ғанӣ гардонидани консепсияҳои тараққиёти иқтисодиёти ҳудудҳо ва соҳаҳо, алалхусус, комплекси озуқаворӣ, такмили методологияи арзёбии он, коркарди механизму тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа инъикос меёбад.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф нуқтаҳои назариявию методӣ ва амалии таҳқиқ пешниҳод мегарданд, ки воқеан аз

нигоҳи назария ва амалияи илми иқтисодӣ дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд.

Дар асоси таҳқиқот, муаллиф таъиноти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маконӣ, функсионалии соҳаи комплекси озуқаворӣ дар тамаддуни инсониятро низомбандӣ карда, ба мундариҷаи он саҳеҳӣ ворид кардааст. Тибқи он комплекси озуқаворӣи минтақа, ин низоми баҳамалоқаманди соҳаҳо оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад, ки бевосита бо истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ, ҳамчунин соҳаҳои танзим ва назорати онҳо алоқаманд мебошад.

Заминаҳои илмии таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар иқтисодиёти минтақа асоснок карда шудааст, ки он аз: зарурияти ташаккулёбии бозори озуқаворӣи инкишофёфтаи маҳсулоти рақобатпазир, ҳал намудани мушкилоти таъминоти аҳолии минтақа бо озуқаворӣи солим, ташаккулёбии муҳити мусоиди рушд дар деҳот, оқилона ҷойгиркунии комплекси озуқаворӣ тибқи талаботи ояндаи аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, хусусияти мавсимии истеҳсолот дар кишоварзӣ, шадидии рақобат дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ, сарзаниши таҳдидҳо дар таъмини аҳолии минтақа бо озуқаворӣ иборат мебошад. Дар асоси ин, ба мафҳуми рушди устувори комплекси озуқаворӣ саҳеҳӣ ворид карда шудааст. Тибқи он, инчунин намуди рушд мебошад, ки имконияти эҳтиёҷоти аҳолиро ҳам дар шароити муосир, ҳам дар ояндаи дарозмуҳлат бо маҳсулоти озуқаворӣи хушсифат, тибқи меъёрҳои тиббӣ барои қонеъ намудан фароҳам меорад, ки ҳангоми он ҳифзи муҳити зист, барқароршавӣ ва инкишофи иқтидори заминҳои кишоварзӣ барои давраи оянда таъмин хоҳад гардид.

Робитаи зичи байни рушди устувори маҷмааи озуқаворӣ ва трансформатсияи сохтории иқтисодиёти минтақавӣ, ки имконият дод, то раванди рушди устувор ҳамчун ҷузъи таркибии ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод гардад, ягонагии фазои молиявию иқтисодии минтақаи аграрӣ, ки дар он ҳамоҳангии мутақобилаи соҳаҳо пайвастагии раванди такрористеҳсол ва коҳиши номувозинии институтсионалиро таъмин менамояд, зарурати риояи мувофиқат ва ҳамоҳангии манфиатҳои тарафайн, дарки низоммандӣ ва сохтормандии ҳамаи иштирокчиёни маҷмааи озуқаворӣ ба хотири ба даст овардани натиҷаҳои устувори иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда шудаанд.

Муаллиф услубҳои арзёбии бехатарии озуқавориро низомбандӣ карда, нишондодҳои онро гурӯҳбандӣ намудааст. Дар асоси ин, нишондиҳандаи арзёбии самаранокии муносибатҳои иқтисодӣ дар

комплекси озуқавории минтақа коркард карда, имкониятҳои истифодаи онро дар таҷриба санҷидааст.

Ҳолати ҳозираи комплекси озуқавории вилояти Суғд дар радифи таъмини рушди устуворро муалиф нишон дода, исбот намудааст, ки бо ташаккули шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун, алалхусус, афзоиши хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, коҳишёбии масоҳати заминҳои корам мушоҳида мегардад, ки ба бехатарии озуқаворӣ таҳдид эҷод менамояд. Сабабҳои асосии он, аз ҷумла маҳдудияти молиявӣ, норасогии воситаҳои гардон, сатҳи баланди арзиши воситаҳои қарзӣ, камшавии дастгирии давлатӣ, баландшавии нархи сӯзишворӣ, нуриҳо, душворӣ дар фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, коҳишёбии сатҳи механикунонӣ, ҷорӣ нагардидани технологияи интенсивикунонӣ муайян намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки саршумори чорво ва паранда дар вилояти Сугд дар солҳои охир афзоиш ёфтааст, ки дар таъмини амнияти озуқаворӣ тамоюли мусбӣ буда, вале ҳолати мазкур таҳдид дар самти экологӣ, яъне таъсири манфӣ ба флора ва фауна дорад, ки сабабҳои он муайян карда шудааст, яъне маҳдудияти чарогоҳҳо, коҳиш додани ҷангалзорҳо, хусусигардонии доманакӯҳҳо, канда шудани муносибатҳои истифодабарии чарогоҳҳои давлатҳои ҳамсоя ва ғайраҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ошкор карда шудааст.

Муаллиф исбот кардааст, ки амалишавии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои комплекси озуқавории вилояти Суғд дар сатҳи паст қарор доранд. Баҳри инкишоф додани фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси озуқаворӣ зарурияти амалишавии самтҳои зеринро муаллиф асоснок кардааст: ташаккули кластерҳо дар комплекси озуқаворӣ; инфрасохтори инноватсионӣ; ҷалби кадрҳои баландихисос ба соҳа; ҷалби инвеститсияҳо; ҳавасмандии давлатии истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ.

Аз ҷониби муаллиф, механизмҳое, ки дар таъмини рушди устувори комплекси озуқавории вилояти Суғд, яъне селексияи ватании растанӣ ва ҳайвонот; дастгирии давлатии муассисаҳои кишоварзӣ; беҳтар гардонидани инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дар деҳот; баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ; ташаккулёбии муҳити ташкилӣ - ҳуқуқӣ барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидории комплекси озуқаворӣ; ташкили бозори яклухти озуқаворӣ; сиёсати дастгирии нархии маҳсулоти комплекси озуқаворӣ; ҳамкории илм бо истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ; равнақ додани фаъолияти бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ; муҳоҷирати дохилӣ барои азхудкунии заминҳои нав таҳкурсии асосӣ мебошанд, асоснок карда шудааст.

Самтҳои дастгирии давлатии истеҳсолоти комплекси озуқавории вилояти Сугд аз ҷониби муаллиф, муайян карда шудааст, ки равияҳои зеринро дар бар мегирад: танзими давлатии нархҳои бозории маҳсулоти кишоварзӣ; танзимкунии ҳаҷми воридоти намудҳои асосии озуқаворӣ (гандум, орд, равғани растанӣ, шакар, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ); ҳавасмндкунии андозиву буҷавии истеҳсоли ватании маҳсулотҳои озуқаворӣ; амалигардонии "мониторинги озуқаворӣ" и аҳолӣ; механизми субсидиякунонии табақаҳои осебпазири аҳолӣ бо озуқаворӣ; дастгирии молиявӣ ва қарзҳои имтиёзнок аз тарафи бонкҳо барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ.

Дар асоси таҳқиқот муаллиф самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтидории захиравии комплекси озуқавориро муфассал кардааст, ки онҳо интенсификатсия ва инноватсиякунонии фондҳои асосии истеҳсолот; ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи хароҷотҳои тухмӣ ва нуриҳои минералӣ; баланд бардоштани сатҳи механикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ; дастгирии таъмини захиравӣ аз ҷониби давлат; ҳалли мушкилоти экологие, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим бавуҷудомадаистода; ҷорӣ намудани ҳамкории бахши давлатию хусусиро дар бар мегирад.

Такмилдиҳии сиёсати иқтисодӣ доир ба рушди комплекси озуқаворӣ аз ҷониби муаллиф муқаррар карда шудаанд, инчунин ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионӣ, амалӣ намудани сиёсати сохторӣ, ҷорӣ намудани натиҷаҳои илмӣ-техникӣ, таҳқиқоти истеҳсолӣ, таҳияи коркардҳои экологӣ, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандкунии амалиёти содиротӣ, алгоритми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои комплекси соҳаи озуқаворӣ пешниҳод карда шудаанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби усулҳои мақбули таҳқиқот, боэътимодии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзуъ, ки муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллифро дар диссертатсия исбот мекунанд, тасдиқ мешавад. Самтҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои асоснок оварда шудаанд, ки таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавиро инъикос мекунанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф муқаррароти назариявӣ-методологӣ ва воситаҳои

методии ташаккул, фаъолият ва рушди устувори комплекси озуқаворӣ ба таври комплексӣ ва низомӣ шарҳ додааст.

Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки таҳқиқот дастгоҳи методологӣ ва методиро васеъ мегардонад, ки барои асоснокқунии ҷиҳатҳои назариявии механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ истифода мешаванд. Муаллиф меҳисобад, ки механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ, бо мақсади таъсиси бозори инкишофёфтаи рақобатпазири маҳсулоти озуқавории коркарди ниҳоӣ ва таъминоти амнияти озуқавории мамлакат саҳми назаррас мегузорад. Ҳамин тавр, аҳаммияти илмию назариявии кори диссертатсионӣ дар инкишоф ва такмили муқаррароти алоҳидаи назарявӣ ва амалӣ оид ба рушди устувори комплекси озуқаворӣ зоҳир мегардад, ки ба идоракунии самаранок ва инкишофи он дар амалия имконият медиҳад. Муқаррароти назариявии диссертатсия дар раванди тадриси фанҳои «Иқтисодиёти минтақа», «Усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ» ва «Иқтисодиёти соҳаи КАС» аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодии мактабҳои олӣ истифода мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳаммияти амалӣ дошта, ки дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, ҷаласаҳо, семинарҳо (солҳои 2019 - 2025) муҳокима карда шудаанд. Як қатор муқаррароти диссертатсия ҳангоми амалисозӣ ва коркарди барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоӣ - иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2026 - 2030 истифода шуда, аз тарафи муассисаҳои илмӣ - таҳсилотӣ, институти илмӣ - истеҳсолии «Боғпарвар» ва мақомоти идоракунӣ, аз ҷумла Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд барои рушди устувори кишоварзӣ маъқул дониста шудаанд.

**6.Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ**

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ мекунанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк ва таҳқиқ намуда, ҷиҳати рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар шароити вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалиро коркард намудааст.

Кори диссертатсионӣ муқаддима, панҷ боб ва хулосаро дар бар мегирад. Диссертатсия аз 376 саҳифа иборат буда, рӯйхати адабиёт аз 345 номгӯйи сарчашмаҳо иборат аст. Диссертатсия 46 ҷадвал, 27 расм, 4 диаграмма, 2 схема ва 14 замимаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти таҳқиқот, асоснокӣ ва дараҷаи омӯзиши он тавсиф шудааст. Инчунин, ҳадафу вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмӣ ва аҳаммиятнокии амалии натиҷаҳои бадастовардашуда мухтасар оварда мешаванд.

Дар боби якум **«Асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқот оид ба комплекси озуқавории минтақа дар шароити муосир»** муқаррароти консептуалии тараққиёти комплекси озуқаворӣ дар илми иқтисоди муосир, заминаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва омилҳои таъсиррасонанда ба рушди устувори комплекси озуқавории минтақа таҳқиқ карда шудааст (саҳ. 21 - 63).

Дар зербоби 1.1 муқаррароти консептуалии тараққиёти комплекси озуқаворӣ дар илми иқтисоди муосир таҳқиқ шуда, рушди устувори комплекси озуқавории минтақаҳо яке аз муаммоҳои муҳимми илми иқтисоди муосир ба шумор рафта, ба худ маҷмуи масъалаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва ташаккули низоми устувори бозори озуқавориро дар бар мегирад. Комплекси озуқавории минтақа дар низоми иҷтимоию иқтисодии он яке аз унсурҳое мебошад, ки аз як тараф, рушди иқтисодиро таъмин менамояд. Ҳамчунин, барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа ва ҷумҳурӣ комплекси озуқавории минтақа пояи асосӣ ба шумор меравад (саҳ. 23 - 24).

Дар асоси таҳқиқ муаллиф қайд намудааст, ки меъёри муттаҳидкунандаи зеркомплексҳои комплекси озуқавории минтақа ҳамчун унсури асосии сиёсати иқтисодии он амал намуда, ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо намудҳои мушаххаси маҳсулоти ниҳоӣ нигаронида мешавад. Аз ин лиҳоз, бо назардошти хусусиятҳои функсионалӣ ва сохторӣ, зеркомплекси озуқаворӣ ҳамчун объекти татбиқи барномаҳои мақсаднок баромад мекунад, зеро маҳз тавассути он замина барои танзими давлатии рушди тамоми иқтисодиёт фароҳам оварда мешавад (саҳ. 30 - 31).

Муаллиф, аз ҷиҳати методологӣ ва амалия чунин чораҳоро зарур мешуморад: комплекси озуқаворӣ ҳамчун сохтори мустақилона дар низоми комплекси хоҷагидории миллии мамлакат мушоҳида карда шавад ва муайян намудани моҳияти комплекси озуқаворӣ ҳамчун соҳаҳои бевосита бо истеҳсоли молҳои озуқаворӣ алоқаманд буда, бо дарназардошти истеҳсоли ашёи хом, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯш муайян карда шавад (саҳ. 39).

Муаллиф қайд менамояд, ки инкишофи инфрасохтори истеҳсолии аграрӣ барои коҳишёбии хароҷоти трансаксионӣ мусоидат намуда, самаранокии фаъолияти комплекси озуқавории минтақаро таъмин менамояд. Дар ин замина, рушди соҳаҳои калидӣ ба монанди низоми молиявию қарзӣ, инфрасохтори коммуникатсионӣ ва таъминоти иттилоотии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун шарти муҳимми ташаккули муҳити муассири институтсионалӣ арзёбӣ мегардад. Тақвияти ин соҳаҳо заминаи мусоид барои истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолии комплекси

агросаноатӣ ва татбиқи босуръати стратегияҳои рушди онро фароҳам меорад (саҳ. 44 - 45).

Муаллиф чунин мешуморад (саҳ. 50), имрӯзҳо тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз он ҷумла комплекси озуқаворӣ дар зери таъсири раванди умумиҷаҳонӣ буда, дар ин самт якчанд монеаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба механизми иқтисодии фаъолияти онҳо ҷой дорад. Дар ин раванд яке аз омили ҷиддие, ки ба фаъолияти комплекси озуқаворӣ таъсир мерасонад, ин тағйирёбии иқлим, норасогии оби полезӣ, вайроншавии таркиби замини кишт мебошад, ки бевосита ба рушди устувори комплекси озуқаворӣи минтақа таъсир мерасонад.

Бинобар ин, роҳи асосии коҳиш ва пешгирии таъсири манфии омилҳои зикршуда ба механизми фаъолияти комплекси озуқаворӣ дар татбиқи принсипҳои рушди устувор дар ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт, бахусус дар соҳаи агросаноатӣ ифода меёбад қайд менамояд муаллиф. Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки ба вазъи рушди комплекси озуқаворӣ як қатор омилҳои дигар низ, ки хусусияти иқтисодӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, бозорӣ ва психологӣ доранд таъсир мерасонанд, ки дар идоракунии ин соҳаи иқтисодиёт ба назар гирифтани онҳо ҳатмӣ аст. Ин омилҳо хеле гуногун буда, асосан боздорандаи рушди устувори комплекси озуқаворӣ мебошанд (расми 1.3.1, саҳ. 51).

Дар шароити муосир комплекси озуқаворӣи минтақа ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ бештар хусусиятҳои номуайянӣ дошта, аз рӯйи қонуниятҳои ба худ хос инкишоф меёбад. Аз назари муаллиф, зарур аст, ки омилҳои номуайянӣ, ки ба устувории фаъолияти корхонаҳо ва мутобиқшавии онҳо ба муҳити беруна таъсир мерасонанд, бо диққати махсус арзёбӣ карда шаванд (саҳ. 60).

Дар боби дуюм «**Методологияи таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он**» принсипи ташаккули рушди устувор, методикаи баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот ва таҷрибаи хориҷии ҷойгиронии минтақавии комплекси озуқаворӣ: имкониятҳо ва афзалиятҳо дар шароити вилояти Суғд арзёбӣ гардидаанд (саҳ. 64 - 93).

Дар диссертатсия (саҳ. 66) муалиф қайд менамояд, ки методология дар илми иқтисод, ки бо омилҳои мураккаби иҷтимоӣ, молиявӣ ва сиёсии пайвастагии зич дорад, методология бояд на танҳо принсипҳои таҳлил, балки низоми пайвасташавандаи мантиқиро дарбар гирад, ки таҳқиқотро ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам амалӣ устувор гардонад. Агар методология дуруст таҳия нашуда бошад, таҳқиқот метавонад аз мақсад дур шавад ва натиҷаҳои он бо воқеият мутобиқат накунанд. Бинобар ин, ба ақидаи муллиф методология ҳамчун «харитаи роҳ» амал мекунад, ки ба таҳқиқотгар имкон медиҳад, равиши муназзамро риоя намояд.

Методологияи дуруст инчунин барои тавлиди донишҳои нав ва таҳкими асосҳои назариявии соҳа шароит фароҳам меорад. Он на танҳо таҳлилро роҳнамоӣ мекунад, балки барои пешниҳоди қарорҳои амалишаванда ва сиёсати иқтисодии муассир низ мусоидат мекунад.

Инчунин, дар кори диссертатсионӣ муаллиф таъкид менамояд, ки идоракунии комплекси озуқаворӣ аз механизми ягонаи идоракунии иқтисодиёти минтақа бар меояд ва дар ин раванд фаъолияти ин сохтор ба низоми ягонаи банақшагирӣ, танзим ва назорат муттаҳид карда мешавад. Дар сатҳи минтақавӣ барои идоракунии комплекси озуқаворӣ мақомотҳои махсус ташаккул дода шуда, фаъолияти онҳо дар асоси сиёсати иқтисодии минтақавӣ ва ҳадафҳои стратегии ҷумҳуриявӣ ба роҳ монда мешавад. Мақсади асосии ин гуна ниҳодҳо таъмини муътадилии фаъолияти бозори озуқаворӣ ва амнияти озуқаворӣ дар минтақа баромад мекунад (саҳ. 75).

Дар зербоби 2.1 – и кори диссертатсионӣ (саҳ. 79) методикаи баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқаворӣ, арзёбии самаранокии фаъолияти комплекси озуқаворӣ минтақавӣ хусусияти комплексӣ дошта бошад, қайд менамояд муаллиф. Дар арзёбии он маҷмуи нишондиҳандаҳо ва усулҳо истифода мешаванд, ки онҳо метавонанд бартариҳо ва камбудиҳои фаъолияти ин соҳаро муайян намуда бошанд. Бинобар ин, таҳияи методикаи баҳодиҳии самаранокии истеҳсолот дар комплекси озуқаворӣ минтақа, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Муаллиф дар рафти таҳқиқоти худ ба хулосае омадааст, ки дар шароити вилояти Суғд равандҳои консентратсия ва марказонидашавӣ, дар якҷоягӣ бо механизмҳои институтсионалии дастгирӣ (монанди қарздиҳӣ, субсидияҳо, ташкили кластерҳо), ҳамчун муҳаррики асосии ташаккули сохторҳои рақобатпазири комплекси озуқаворӣ баромад мекунанд. Ин раванд на танҳо ба баландбардории самаранокии истеҳсолот мусоидат менамояд, балки асоси рушди занҷираи арзиш ва амнияти озуқаворӣ устувори минтақаро низ фароҳам меорад (саҳ. 81 – 82).

Аз ҷониби муаллиф татбиқи муқаррароти назариявӣ, ки дар диссертатсия зикр шудааст ва таҷрибаи амалии чорабиниҳои давлатҳои хориҷӣ, такмили муносибатҳои корпоративӣ дар соҳаи агроозуқаворӣ бидуни омӯзиши амиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта ғайриимкон аст. Маҳз бо дарки зарурати таъмини таҳкими асосҳои институтсионалӣ ва механизмҳои муассири ҳамкорӣ байни субъектҳои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, дар ин бахши таҳқиқот муаллиф зарур мешуморад, ки фаъолияти комплексҳои озуқаворӣ ва моделҳои идоракунии онҳо дар

кишварҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирад. Дар раванди омӯзиш муаллиф қайд менамояд, ки мақсади асосии ин таҳқиқот дар муайянсозии ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи байналмилалӣ ва баҳодиҳии имконияти мутобиқ кардани онҳо ба шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии вилояти Суғд ифода меёбад (саҳ. 94 – 95).

Дар боби сеюм **«Вазъияти муосир ва рушди устувори комплекси озуқаворӣи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили ретроспективӣ, нишондодҳои тавсифкунандаи вазъият ва фаъолияти инноватсионӣ - асоси рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа таҳқиқ шудааст (саҳ. 110 - 187).

Дар диссертатсия муаллиф дар асоси таҳлили ретроспективӣ қайд менамояд, ки дар доираи комплекси агросаноатии кишвар (КАС) қисми зиёди маҳсулоти ниҳоии озуқаворӣ дар худи ин комплекс истеҳсол мегардад. Таркиби сохтории он аз ҳашт зерсоҳаи асосӣ иборат мебошад, ки ҳар кадом дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори бахши кишоварзӣ нақши муҳим мебозанд, инчунин се зерсоҳаи асосии стратегӣ, ки бештар талаботи дохилиро қонеъ месозанд ва дар таъмини бозори озуқаворӣи минтақа мавқеи калидӣ доранд, инҳо мебошанд: маҳсулоти галладонагӣ, маҳсулоти сабзавотӣ, картошка. Маҳз ҳамин се бахш беш аз 67,7 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилояти Суғдро ташкил медиҳанд, ки аҳаммияти афзалиятноки онҳоро дар сиёсати озуқаворӣ ва тақсимоти захираҳо нишон медиҳад (саҳ. 113).

Дар таҳқиқот муаллиф қайд кардааст, ки аз соли 2000 - ум рушди устувори истеҳсоли маҳсулоти умумии хоҷагии кишоварзии вилояти Суғд ба назар мерасад. Дар натиҷа, имрӯзҳо вилояти Суғд ба шумораи минтақаҳои ифодакунандаи инкишофи динамикии бахши аграрӣ мубаддал гаштааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии хоҷагии кишоварзӣ дар ҳама категорияҳои хоҷагидорӣ дар соли 2023 ба 18495,5 млн. сомонӣ баробар шуда, ин нишондиҳанда дар соли 1991 ба 5032 млн. сомонӣ баробар буд. Дар ин давра ҳаҷми маҳсулоти умумии хоҷагии кишоварзӣ дар вилоят 13463,5 млн. сомонӣ ва ё 3,7 маротиба афзоиш ёфтааст (ҷадвали 3.1.4, саҳ. 120).

Муаллиф қайд менамояд, ки дар тӯли давраи таҳқиқотӣ раванди дигаргуншавӣ бо суръатҳои гуногун ба миён омада, аз ҳамдигар бо самтҳои гуногун фарқият доштанд. Дар давраи тоислоҳот инкишофи хоҷагии кишоварзӣ асосан дар ташкили чорабиниҳо ва дотатсияҳо аз буҷет, дар ҳолати танзими ҳаматарафаи давлатӣ асос ёфта буд (саҳ. 133).

Бинобар ин, муаллиф ба хулосае омадааст, ки меъёри асосии рушди устувори комплекси озуқаворӣи минтақа, пеш аз ҳама ба вусъат бахшидани истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ ва маҳсулоти озуқаворӣи

дорои устувории баланд марбут мебошад. Таъмини рушди устувор дар ин соҳа бояд дар асоси риояи ҳамзамон ва мутавозини се принсипи калидӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ амалӣ гардад.

Барои таъмини амнияти иқтисодии кишвар муаллиф зарур мешуморад, ки талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ ба таври устувор аз ҳисоби истеҳсоли дохилӣ қонеъ гардонида шавад. Ҳамзамон, воридоти маҳсулот бояд дар ҳаҷми оқилона ва бо назардошти манфиатҳои миллӣ сурат гирад. Сатҳи худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ ба ҳолати рушди комплекси озуқаворӣ, имкониятҳои молиявии он, қобилияти пардохтии аҳолӣ, фоидаовар будани истеҳсолот ва устувории робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи озуқаворӣ вобастагии зич дорад (саҳ. 139).

Муаллиф чунин мешуморад, ки дар шароити кунунӣ сатҳи худтаъминкунӣ бо озуқаворӣ дар минтақа аз чанд омил вобаста аст, ки ба онҳо рушди комплекси озуқаворӣ, маблағгузорӣ ва захираҳои молиявии соҳа, қобилияти харидории аҳолӣ, фоидаовар будани истеҳсолот барои истеҳсолкунанда, устувории муносибатҳо ва таъминот дар бозори байналмилалӣ ва ғайра дохил мешавад. Аз ин бар меояд, ки таъмини амнияти озуқаворӣ танҳо бо зиёд кардани истеҳсолот маҳдуд намешавад — он як маҷмуи омилҳоест, ки бояд ҳамоҳанг рушд намояд. Тамоюли мусбати инкишофи бозори ғалладонагиҳо (ҷадвали 3.2.3, саҳ. 140), картошка (ҷадвали 3.2.4, саҳ. 142), сабзавот ва полезиҳо (ҷадвали 3.2.5, саҳ. 145 - 146), буттамеваҳо (ҷадвали 3.2.6, саҳ. 147), ангурпарварӣ (ҷадвали 3.2.7, саҳ. 149 - 150), маҳсулоти гӯштӣ (ҷадвали 3.2.8, саҳ. 151) ва маҳсулоти ширӣ (ҷадвали 3.2.9, саҳ. 154 - 155) дар вилояти Суғд дар солҳои охир, ин баландшавии сатҳи худтаъминкунӣ бо ғалладонагиҳо, картошка, сабзавот ва полезиҳо, буттамеваҳо, ангур, маҳсулоти гӯштӣ ва маҳсулоти ширӣ ба ҳисоб меравад, яъне дараҷаи қонеъгардонии эҳтиёҷот ба ин намуди маҳсулотҳо тамоюли мусбат доранд.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳадафи асосии фаъолияти инноватсионии соҳаи кишоварзӣ на танҳо расонидани ин навовариҳо то сатҳи бозор дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфта, хизматрасониҳои муосир, усулҳои нави истеҳсолот ва ё дигар натиҷаҳои дорои арзиши иҷтимоиву иқтисодӣ буда, балки мутобиқ намудани соҳаи кишоварзӣ ба паёмадҳои тағйирёбии иқлим, коркарди механизми он дар асоси ин тағйирёбиро низ дар бар мегирад (саҳ. 163 - 164).

Дар боби чорум «**Механизмҳои ташаккулёбии рушди устувори комплекси озуқаворӣ»** асосҳои консептуалии таҳлил, усулҳои пешгӯкуниҳои низомӣ, идоракунии оптималӣ ва коркарди механизми

рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он дар минтақа баррасӣ шудааст (саҳ. 186 - 245).

Муаллиф бар он ақида аст, ки таҳлили таҷрибаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки рушди зерсоҳаҳо дар асоси истифодаи муносибати низомӣ бояд ба роҳ монда шавад. Ин муносибат самтҳои муҳимми рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла баланд бардоштани ҳосилнокии ғалла, картошка, меваю сабзавот, беҳсозии навъҳои бозоргир, истифодаи технологияи самараноки кишоварзӣ ва оптимизатсияи хароҷотро дар бар мегирад. Илова бар ин, истифодаи захираҳои барқароршавандаи энергетикӣ, захираҳои генетикӣ, тақвияти фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҷалби сармоягузориҳо барои боз ҳам устувор сохтани зерсоҳаҳо ниҳоят зарур аст (саҳ. 205).

Бо гузариш ба иқтисоди бозор, талабот ба усулҳои нави банақшагирии стратегӣ ва пешгӯии рушди соҳа афзоиш ёфт. Аз ин лиҳоз, таҳия ва истифодаи сенарияҳои гуногуни рушд – бетараф, пессимистӣ, пессимистии муътадил, оптимистӣ ва оптимистии муътадил – ҳамчун унсури муҳимми таҳлили дурнамо дар пешбурди сиёсати иқтисодии озуқаворӣ баромад мекунад; Дар вазъи кунунии вилояти Суғд гузариш ба сенарияи хушбинона ва амалӣ намудани он дар рушди комплекси озуқаворӣ бо дарназардошти иқтидорҳои мавҷуда ва захираҳои табиӣ як равиши асоснок ва қобили татбиқ арзёбӣ мегардад. Модели рушди оптимистӣ имкониятҳои зеринро пешбинӣ мекунад: баланд бардоштани ҳосилнокии растанипарварӣ, маҳсулнокии чорводорӣ, тавсеаи истеҳсоли маҳсулоти органикӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои инноватсионӣ. Ҳамзамон, дар доираи ин сенария, таъмин намудани бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ бо маҳсулоти рақобатпазир ва экологӣ дар мадди аввал қарор мегирад (саҳ. 219 – 220).

Дар кори диссертатсионӣ (саҳ. 223) муаллиф қайд менамояд, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ақидае мавҷуд аст, ки мувофиқи он ҳар як давлат мустақилияти озуқавориро дар ҳолате аз даст медиҳад, ки агар воридоти маҳсулоти озуқаворӣ аз меъёри ҳудудии ба ҳисоби миёна дар сатҳи 15,0–25,0% муқарраргардида зиёд бошад. Дар вилоят ҳиссаи воридот (бо ҳазор сомонӣ) ба маҳсулоти гандум – 80,3%, шакар, бо дарназардошти маҳсулоти қаннодӣ – 19,6%, орд – 4,3%, равғани офтобпараст – 12,7% ташкил медиҳад. Бар хилофи ин вазъият ба ақидаи муаллиф дар аксарияти мамлакатҳои пешрафта сатҳи худтаъминкунӣ аз рӯйи ин маҳсулот чандин маротиба баланд мебошанд.

Ба ақидаи муаллиф, афзоишёбии бомаром дар ҳаҷми умумии маҳсулоти истеъмолшаванда ҳиссаи воридоти озуқаворӣ хатари мустақимро барои бехатарии озуқаворӣ ва миллӣ фароҳам меорад, (ҷадвали 4.3.3, саҳ. 233).

Дар боби панҷум **«Самтҳои афзалиятноки идоракунии ташаккулёбӣ ва рушди устувори комплекси озуқавории вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ташаккулёбии механизми идоракунии оптималии иқтидори захиравӣ, танзими давлатии рушди устувор ва муайян намудани афзалиятҳои рақобатӣ ва баланд намудани рақобатпазирии комплекси озуқавории вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст (саҳ. 246 - 302).

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф муайян мекунад, ки барои вилояти Суғд комплекси агросаноатӣ бахши муҳимми иҷтимоии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Сатҳи инкишофи он аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба ҳар сари аҳолиро муаллиф дар намуди ҷадвал нишон додааст (ҷадвали 5.1.1, саҳ. 253).

Иқтидори захиравии соҳаи кишоварзӣ категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ буда, аз қувваҳои истеҳсолкунанда иборат мебошад. Дар таҳқиқот муаллиф оид ба баҳодиҳии иқтидори захиравӣ ва истифодабарии самараноки он дар корхонаҳои КАС-и вилоятро пешниҳод намудааст. Баҳодиҳии иқтидори захиравӣ ва самаранокии истиофодабарии он дар асоси баҳодиҳии комплексии нишондиҳандаҳои сифатан ва миқдоран баҳогузории истифодабарии онҳо амалӣ карда мешавад (расми 5.1.3, саҳ. 255 - 256).

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки дар шароити имрӯза низ зарурати такмили сиёсати инфрасохтории минтақа ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина, амалӣ кардани шабакаҳои илмӣ-таълимӣ, китобхонаҳои рақамӣ, барномаҳои таҳқиқоти экологӣ ва ҳавасмандсозии таҳқиқоти илмӣ омилҳои калидӣ дар рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа мебошанд. Ба андешаи муаллиф, сиёсати инфрасохтории минтақа на танҳо ба сохтани ҷойи истеҳсол ва роҳҳои дастрас маҳдуд мешавад. Дар маънои васеъ, иртиботи беҳтар, низоми хуби молиявӣ, шабакаи марказҳои омӯзишӣ, фаъолияти муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои рушди технология - ҳама ин ҷузъҳои инфрасохтори муосир барои рушди саноатӣ маҳсуб мeёбанд.

Дар ин раванд, муаллиф қайд менамояд, ки нақши давлат аз муайян кардани сиёсати умумӣ иборат аст, ки рушди инфрасохторро ҳавасманд месозад. Аммо ин маънои онро надорад, ки давлат бояд тамоми ин равандҳоро мустақилона амалӣ намояд, зеро имкониятҳои он маҳдуданд. Аз ин рӯ, рушди шарикӣ байни бахши давлатӣ ва хусусӣ, инчунин

тақвияти ҳамкории байни корхонаҳо аҳаммияти муҳим дорад (саҳ. 269 – 270).

Ба андешаи муаллиф, механизми танзими рақобатпазирии корхонаи комплекси агросаноатӣ, бо ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои муҳити бозории микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ, барои ҳифз ва тақвияти бартариҳои рақобатии корхона равона карда мешавад. Ин механизм ҳамзамон таҳия ва татбиқи стратегияҳои мухталифи рушди корхонаро дар бар мегирад, ки ҳадафи асосии онҳо баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолӣ мебошад (расми 5.3.2, саҳ. 288 - 289).

Дар хулосаи диссертатсия аз тарафи муаллиф натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ коркард гардида, тавсияҳо барои истифодаи амалии таҳқиқот пешниҳод карда шудааст.

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ҳарчанд дар банди сарчашмаи таҳқиқот номгӯи асарҳои олимони ватанӣ оварда шуда бошанд ҳам, аммо дар боби 1 - ум, яъне асосҳои назариявӣ-методии таҳқиқот оид ба комплекси озуқаворӣи минтақа дар шароити муосир иқтибос аз олимони ватанӣ кам ба чашм мерасад (саҳ. 21 – 63).

2. Зербоби 2.3 (саҳ. 93 - 109), таҷрибаи хориҷии ҷойгиронии минтақавии комплекси озуқаворӣ: имкониятҳо ва афзалиятҳо, муаллиф қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи инкишофёбӣ қарор дорад ва мамлакати мо ба сафи давлатҳои рӯ ба инкишоф дохил мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ низ дар ин қисмати диссертатсия муҳим мебошад (саҳ. 101). Вале аз чӣ сабаб бошад, ки таҷрибаи мамлакатҳои ҳамсоя, ғайр аз Ҷумҳурии Қазоқистон, доир ба мавзуъ омӯхта нашудааст.

3. Дар зербоби 3.2 таҳлили нишондодҳои тавсифкунандаи вазъият, инкишофи комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он (саҳ. 132 - 159) хеле хуб омӯзиш ва таҳлил карда шудааст, лекин пешниҳоди мушаххаси муаллиф вобаста ба рушди комплекси озуқаворӣ ба назар намерасад. Хуб мешуд, ки ҳангоми гузаронидани таҳлил муаллиф пешниҳодҳои мушаххас менамуд, таҳқиқоти мазкур боз ҳам мустаҳкам мегардид.

4. Дар зербоби 4.1. асосҳои консептуалии таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он оварда шудааст. Ин ҳама хеле бамаврид мебошад, лекин агар муаллиф барномаҳои давлатӣ ва ҷалби бештари сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ, бахусус барои рушди устувори комплекси озуқавориро дар минтақа таҳлил ва истифода мебурд, онҳо сифати кори илмиро боз ҳам хубтару фоидаовар менамуд (саҳ. 186 - 206).

5. Дар диссертатсия маълумотҳои оморӣ аз вазъи муосири хоҷагидорӣ ва ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ оварда шуда бошад ҳам, вале нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии маҳсулоти кишоварзии минтақа дур аз таҳқиқ мондааст.

6. Дар матни кори диссертатсионӣ хулосабарориҳои назаррасе низ ҷой доранд, ки дар хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот пурра дарҷ нагардидаанд. Агар ин хулосаҳо аз ҷониби муаллиф дар хулосаи кор ва тавсияҳои умумии диссертатсия ба назар гирифта мешуданд, натиҷа ва тавсияҳои кори диссертатсионӣ боз ҳам пураҳамият мегардид.

Таъкид кардан зарур аст, ки эродҳои дар боло зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 39 мақолаи муаллифӣ, аз он ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳое мебошанд, ки ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ба нашр расонида шудааст.

**8. Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Умуман, бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашуда дорои навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалиро дар худ инъикос мекунанд, ки ба ҳалли муаммоҳои рушди устувори комплекси озуқаворӣ мусоидат менамоянд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамоянд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию методӣ ва амалии рушди устувори комплекси озуқавориро тараққӣ медиҳанд.

Дар асоси маълумоти дар боло зикршуда хулоса карда мешавад, ки диссертатсия дар мавзуи «Механизми ташкилӣ - иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология,

амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷа ва унвони илмӣ» - и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

«17» 10 2025 сол.

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

«17» 10 2025 сол.